**Матн барои нақли хаттӣ**

1. **Намуд ва услуби матнро нигоҳ дошта, нақли хаттии муфассал нависед.**

**Натиҷаи китобҳо**

Ман ҳар чӣ бошад ҳам, хонданамро давом медодам. Кампир якчанд маротиба китобҳоро нобуд кард. Як вақт маълум шуда монд, ки ман аз дӯкондор як маблағи хеле зиёд – чилу ҳафт тин қарздор шудаам. Вай пули қарзро аз ман талаб менамуд, дӯғ мезад, ки агар барои харидан биёям, вай пули медодагии хӯҷаинро аз ман кашида мегирад.

– Он вақт чӣ хоҳад шуд? – гуфта вай аз ман пурсид.

Ман вайро бад медидам, вай инро ҳис карда буд, бинобар он, маро азоб медод, худаш аз ин кайф мекард. Ҳар вақт, ки ман ба дӯкон мерафтам, навозишкорона мепурсид:

– Қарзатро овардӣ?

– Не.

Ин ҷавоб вайро метарсонд.

– Чӣ кор кунам? Туро айбдор карда, ба колония фиристонанд?

Ман ҳеҷ як ҷойи пул ба даст медаровардагӣ надоштам. Ман тамоман худамро гум карда монда, чӣ кор карданамро намедонистам. Дӯкондор бошад, ба ҷавоби хоҳиши ман, дасти равғании худро ба тарафи ман дароз карда гуфт:

– Бӯса кун муддати қарзро дароз мекунам.

Лекин вақте ки ман аз пеши тахтаи дӯкон санги тарозуро бардошта, ба тарафи вай ҳаво додани шудам, вай ба паси тахтаи дӯкон нишаста, фарёд кард:

– Ба ту чӣ шуд, ман ҳазл мекунам!

Ман медонистам, ки вай ҳазл намекунад.

Як рӯз як танга дар вақти либосафшонӣ парида рафт ман фаромӯш кардам, ки дар ин бора ба хӯҷаин хабар диҳам, баъд аз он ки аз байни ҳезумҳо як тангаи бистиниро ёфтам, пули ёфтагиамро ба хӯҷаин додам, занаш ба вай гуфт:

– Мана дидӣ? Вақте ки дар киссаат пул мемонӣ, ҳисоб карда монданат даркор аст.

Хӯҷаин ба тарафи ман бо табассум нигоҳ карда гуфт:

– Пешков, имрӯзҳо ин тариқа хафа ҳастӣ, тобат нест?

Ман тамоми ғаму ғуссаи худро ба вай гуфта додам, вай рӯяшро турш кард.

– Мана, диди китобҳо чӣ натиҷа медиҳанд. Аз онҳо аз бадбахтӣ чизи дигар намерӯяд.

Вай ба ман ним сӯм дода, ба тарзи қатъи таъкид кард:

– Эҳтиёт шав, ки боз пеши занам лаққида намонӣ, ҷанҷол мехезад.

(301 калима)

2. **Ин матн шуморо ба чӣ гуна фикр ва ҳиссиёт даъват намуд,нависед.**